# Санъат дар Сафоратхонаҳо

Дафтари Департаменти давлатии ИМА оид ба Санъат дар Сафоратхонаҳо соли 1963 таъсис ёфта, дар дипломатияи оммавии давлати мо тавассути рисолати васеъи фарҳангӣ, таъсисдиҳии намоишгоҳҳои муваққатӣ ва доимӣ, банақшагирии намоишгоҳҳои рассомони алоҳида ва табъу нашр нақши муҳимро мебозад. Осорхонаи Санъати Муосир (The Museum of Modern Art) як даҳсола пеш ин барномаи умумиҷаҳонии санъати аёниро пешбинӣ намудааст. Дар ибтидои солҳои 1960 Президент Ҷон Ф. Кеннедӣ нахустмудири барномаро таъин намуда онро ба расмият даровард. Акнун бо беш аз 200 намояндагиҳои худ Дафтари Санъат дар Сафоратхонаҳо намоишгоҳҳои муваққатӣ ва доимиро барои ҷойҳои ташрифотии бинои сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва иқоматгоҳҳои сафирон дар саросари ҷаҳон тавассути интихоб ва интиқоли асарҳои санъати муосир аз ИМА ва кишварҳои мизбон сарпарастӣ менамояд. Дар муқоиса бо дигар хазина ё созмони санъати ИМА, бахшҳои Дафтари Санъат дар Сафоратхонаҳо имконият медиҳанд, ки тамошобинони байналмилалӣ сифат, имкониятҳо ва гуногунрангии санъат ва фарҳанги ҳарду кишварро эҳсос кунанд.

## Сарсухан

Боиси сарфарозист, ки ман имконият дорам, то асарҳои мунтахаби санъати тасвирии Амрикоро дар иқоматгоҳи расмии хеш дар Душанбе ба намоиш гузорам. Интихоби корҳои ҳунарӣ барои намоиш дар иқоматгоҳи ман ҳангоми адои вазифаам ба ҳайси сафири ИМА дар Тоҷикистон дар асоси муносибати шахсии ман нисбати санъат ва бештар нисбати худи рассомон интихоб намудам. Рассомӣ - тасвири ҳаёти воқеъӣ аст ва ин намоиш ҳаёт ва арзишҳои шахсии маро инъикос менамояд.

Аз байни асарҳои маъруфи санъати тасвирии ин намоиш, мусаввараи таҳти унвони *"Ишқ"*-и Роберт Индиана ба ман аз Индиана, ки дар он ман бо ҳамсарам Мэттиас Митман иқомат ва кор мекардем, ёдовар мешавад. Асарҳои Ҷаспер Ҷонс ва Роберт Раушенберг ҳарду ҳисси ватанпарварии бепоёни маро меангезад, ки бо мурури солҳои тӯлонии хизмат ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико он торафт меафзояд. Алалхусус расми *"Ливои фарсуда"*-и Ҷон барои ман бинобар он ҷолиб аст, ки аз назари аввал оддӣ ба назар мерасад, вале баъдан мазмун ва ранги муайян пайдо намуда ба андешаи бештар фурӯ мебарад.

Мусаввараҳои манзараҳои табиии Уолтер Эмерсон Баум ва Ҷиованни Мартино манзараҳои Пенсилванияро, ки дар он ҷо таваллуд шудаам ва писарам Курт Митмэн зиндагӣ дорад, инъикос мекунанд.

Расми Р. Гордон Эарсон *"Найзор"* ва *"Экостасс II (сукути табиат)"* Мэрилэндро тасвир мекунад, ки он аз вақти хуши дар соҳили баҳр гузаронидаам хотиррасон мекунад. Расми *"Гули хайрӣ"*-и Энн Юбэнк, ки дӯсти наздики хоҳарарӯси ман, доктор Андреа Митмэн мебошад, хотираҳои хуши боздид аз Андреа ва оилаи ӯ дар шаҳри Тэппаҳэнноки иёлати Вирҷиния бедор мекунад. Асари Энн инчунин ба ман хотираи падарамро, ки дар пасҳавлии манзиламон гулҳои хайриро парвариш мекард, ба ёд меоварад.

Расми *"Таҳайюл (чоргона)"*-и рассом Ҷеф Ферст дар ин маҷмӯъа ҷои намоёнро ишғол менамояд. Манзараи геометрӣ ҳамзамон реша дар воқеият дорад ва мусиқӣ дар эҳсос, ва он иқоматгоҳро ба таври воқеъан ғайричашмдошт нур мебахшад.

Умедворам, ки Шумо низ ба монанди ман мафтуни ин асарҳои санъати тасвирӣ мегардед ва ин намоишгоҳ ба Шумо илҳом мебахшад, то дар бораи роҳҳое, ки санъат мардуми ҷаҳонро мепайвандад, андеша намоед. Ман аз дафтари Департаменти Давлатии ИМА оид ба санъат дар сафоратхонаҳо ва мусаввироне, ки бо саховатмандии хеш ба баргузор гардидани намоишгоҳ имконият доданд, сипосгузорам.

Сюзан Марш Эллиотт

*Сафири ИМА дар Тоҷикистон*

## Уолтер Эмерсон **Баум** | 1884-1956



***Дарёи Манзаравӣ, Канал,***
*санааш номаълум*
*Бо ранги равғанӣ дар катон,*
*97,2 x 117,5 см. Тӯҳфаи Ҷаноб ва Хонуми Филип Берман ба барномаи Санъат дар Сафоратахонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*

## Маргарет **МакБрайд**

***Аз силсилаи "Тиреза"**,*
*Саннааш номаълум*
*Бо ранги равғанӣ дар катон,*
*135x155,5 см. Тӯҳфаи рассом ба барномаи Санъат дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*



## Роберт **Индиана** | 1928

***Ишқ***
*Эълоннома (постер), 76,2 x 63,5 см*
*Лутфи барномаи САНЪАТ дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*






## Роберт **Раушенберг** | 1925-2008

***Манзил**, 1996*
*Нақш дар матои абрешим (шелкография), 121,9 x 87,6 см*
*Лутфи Бунёди Санъат ва Ҳифзи Меъроси Фарҳангӣ дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*



## Джованни **Мартино** | 1908-1998

***Барфи Аввалин**, Санааш номаълум*
*Бо ранги равғанӣ дар катон, 81x101,5 см. Тӯҳфаи Ҷаноби ва Хонум Филип Берман ба барномаи Санъат дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*



## Энн **Юбэнк**

***Гули хайрӣ**, санааш номаълум*
*Бо ранги равғанӣ дар катон, 30,5 x 30,5 см*
*Лутфи рассом, Таппаҳаннок, Иёлоти Вирджиния*

## Роберт Гордон **Эарсон**





***Экостасис II (сукути табиат)**, санааш номаълум*
*Бо ранги равғанӣ дар рӯи мазолит, 66 x 76,2 см. Тӯҳфа аз молу мулки Нэнси Лонг Эарсон ба барномаи САНЪАТ дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*

***Найзор**, санааш номаълум*
*Бо ранги равғанӣ дар рӯи мазолит, 91,4 x 61 см. Тӯҳфа аз осори Нэнси Лонг Эарсон ба барномаи САНЪАТ дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*

## Гиффорд **Бил** | 1879-1956



***Гулҳо**, тақрибан с. 1928*
*Бо ранги равғанӣ дар катон, 99,1 x 130,8 см. Тӯҳфа аз нигористони Краушаар дар ш. Ню Йорк ба барномаи САНЪАТ дар сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*

## Ҷеф **Ферст** | 1955



***Таҳайюл (чоргона)**, 2010*
*Бо ранги равғанӣ дар катон, масоҳати умумиаш 182,9 x 274,3 см; ҳар яке: 182,9 x 61 см*
*Лутфи рассом, Скотсдэйл, Иёлоти Аризон*



## Ҷаспер **Ҷонс** | 1930

***Ливои фарсуда**, санааш номаълум*
*Литография, 64,8 x 83,8 см*
*Тӯҳфаи аз нигористони Лео Кастелли дар ш. Ню Йорки иёлоти Ню Йорк ба барномаи Санъат дар Сафоратхонаҳо, Вашингтон, Ҳавзаи Колумбия*

Сипоснома **Вашинтон** Камил Бэнтон, Куратор • Тереза Белл, Бойгон • Марсиа Майо, Сардабир • Сэлли Мэнсфилд, Муҳаррир • Аманда Брукс, Роҳбари Тарроҳӣ **Душанбе** Сайёра Собирова, Тарҷумон • Шерзод Абдуҷабборов, Ёвари Маъмурии Бахши Фарҳангӣ • Сандра Джейкобс, Роҳбари Бахши Фарҳангӣ • Уэсли Рорбертсон, Роҳбари Бахши Робита бо Ҷомеа **Вена** Натали Майер, Таррохи Графикӣ

Published by ART in Embassies • U.S. Department of State, Washington, D.C. • February 2013

# United States Embassy **Dushanbe**

## ART in Embassies Exhibition

